# МАЪЛУМОТ
## оид ба раванди фарзандхондӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Раванди фарзандхондӣ дар Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ба танзим даровarda шудааст.

## 1. КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд**)**

**Моддаи 34 боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд.

Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд.

Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд.

## 2. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК

(18 марти соли 2015, № 1196)

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218; с. 2018, №1, мод. 21) (Қонуни ҶТ аз 2.01.2018 № 1489, аз 17.12.2020 № 1740)

**Моддаи 33. Фарзандхондӣ**

Бо мақсади муҳайё кардани шароити рушду камол ва тарбияи кӯдаки бепарастор дар оила ӯро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фарзандхондӣ қабул кардан мумкин аст.

## 3. КОДЕКСИ ОИЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(аз 13 ноябри соли 1998, № 682)

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 303; с. 2006, № 4, мод. 196; с. 2008, № 3, мод. 201; с. 2010, № 7, мод. 546; с. 2011, № 3, мод. 177, № 12, мод. 855; с. 2013, № 3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод. 143, №11, мод. 881; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1395)

## Боби 19. Фарзандхондӣ

### Моддаи 125. Кӯдаконе, ки онҳоро ба фарзандхондӣ қабул кардан мумкин аст

1. Фарзандхондӣ шакли афзалиятноки ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модармонда мебошанд.

2. Фарзандхондӣ нисбати кӯдакони ноболиғ танҳо манфиатҳои онҳо бо риояи талаботи моддаи 124 Кодекси мазкур, ҳамчунин бо дарназардошти имконияти инкишофи пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак иҷозат дода мешавад.

3. Фарзандхондии бародарону хоҳарон аз ҷониби шахсони гуногун, ба истиснои ҳолатҳое, ки фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак мебошад, иҷозат дода намешавад. **(ҚҶТ аз 29.04.2006 № 183)**

### Моддаи 126. Тартиби ба фарзандхондӣ қабул кардан

1. Фарзандхондӣ дар асоси аризаи шахсоне (шахсе), ки кӯдакро ба фарзандӣ қабул кардан мехоҳанд, аз тарафи суд расмӣ карда мешавад. Парвандаҳои фарзандхондиро суд ба тартиби мурофиаи махсус баррасӣ менамояд.

Парвандаҳои фарзандхондӣ дар суд бо иштироки мақомоти васояту парасторӣ ва прокуратура баррасӣ мегардад. (ҚҶТ аз 29.04.2006 № 183)

2. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихоби худ ба суди маҳали истиқомати кӯдаки ба фарзандхондӣ қабулшаванда ё ба суди маҳали истиқомати худ барои ба фарзандхондӣ гирифтани кӯдак ариза медиҳанд.

3. То аризаи фарзандхондиро баррасӣ намудани суд мақомоти васояту парасторӣ вазифадоранд шароити зиндагии шахсеро, ки хоҳиши ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдакро дорад, санҷида, муайян кунанд, ки фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак аст ё не, оё барои фарзанд хондан монеае ҳаст, инчунин муносибати кӯдак ба фарзандхондӣ ва фикри ӯро барои ба фарзандхондӣ қабул шуданаш муайян намуда, хулосаҳояшонро дар хусуси имконияти фарзандхондӣ ба суд пешниҳод намоянд.

Мақомоти васоят ва парасторӣ вазифадоранд ба шахсоне(шахсе), ки кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул мекунанд, дар бораи саломатии кӯдак маълумот диҳанд. (ҚҶТ аз 29.04.2006 № 183)

4. Тартиби пешниҳоди хулосаи мақомоти васояту парасторӣ ва номгӯи маълумоти онро Низомнома дар бораи мақомоти васояту парасторӣ муайян мекунад. (ҚҶТ аз 26.11.15 с., №1239)

5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои фарзандхонда ва фарзандхондишуда аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи фарзандхондӣ оғоз меёбад.

Фарзандхонд шудани кӯдак бояд мувофиқи тартибе, ки барои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муқаррар гардидааст, дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Суд вазифадор аст, ки дар давоми се рӯзи баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома дар бораи фарзандхондӣ ба мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли қабули ҳалнома иқтибоси ин ҳалномаро фиристад.

### Моддаи 126[1]. Манъ будани фаъолияти миёнаравӣ дар фарзандхондии кӯдак

1. Фаъолияти миёнаравӣ оид ба фарзандхондии кӯдак, яъне тамомифаъолияти шахсони дигар бо мақсади интихоб кардан ва додани кӯдак барои фарзандхондӣ аз ном ва ба манфиати шахсоне, ки хоҳиши ба фарзандхондӣ гирифтани кӯдакро доранд, манъ мебошад.

2. Фаъолияти мақомоти васояту парасторӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда, барои ошкоркунӣ ва ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модармонда фаъолияти миёнаравӣ ба ҳисоб намеравад ва мақсади ба даст даровардани фоидаро надорад.

3. Ҷавобгарӣ барои фаъолияти миёнаравӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. (ҚҶТ аз 29.04.2006 № 183)

### Моддаи 127. Шахсоне, ки ҳуқуқи ба фарзандхондӣ қабул карданро доранд

1. Ба фарзандхондӣ қабул кардан танҳо аз тарафи шаҳрвандони ба балоғатрасидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истисноӣ шахсони зерин сурат мегирад:

- шахсоне, ки ҷои муайяни истиқомат надоранд;
- шахсоне,ки ҳангоми фарзандхондӣ барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ доранд;
- шахсоне, ки суд барои содир намудани ҷиноят нисбати онҳо чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин кардааст; (ҚҶТ аз 29.04.2006 № 183)
- шахсоне, ки суд онҳоро ғайриқобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд эътироф намудааст;
- зану шавҳаре, ки суд яке аз онҳоро ғайриқобили амал ё қобилияти амалаш маҳдуд эътироф намудааст;
- шахсоне, ки суд онҳоро аз ҳуқуқи падару модар маҳрум сохтааст ё ҳуқуқи падару модарро маҳдуд кардааст;
- шахсоне, ки ба сабаби иҷрои ғайриқаноатбахши ӯҳдадориҳои бо қонун ба зиммаашон гузошташуда аз вазифаи васӣ ё парасторӣ дур карда шудаанд;
- шахсоне, ки қаблан фарзандхонд доштанду вале фарзандхондӣ бо гуноҳи онҳо аз ҷониби суд бекор карда шудааст;
- шахсоне, ки аз сабаби беморӣ наметавонанд ҳуқуқи падару модарро амалӣ намоянд. Номгӯи бемориҳое, ки дар сурати мубтало будан ба онҳо шахс

наметавонад кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул кунад, таҳти васоят (парасторӣ) гирад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2. Муқаррароти сархати якуми қисми 1 ҳамин модда нисбат ба падарандар ва модарандар татбиқна мегардад. (ҚҶТ аз 26.11.15 с., №1239)

3. Шахсоне, ки байни худ никоҳ надоранд, наметавонанд ҳамон як кӯдакро муштаракан ба фарзандхондӣ қабул кунанд.

**Моддаи 128. Фарқияти синну соли шахси ба фарзандхондӣ қабулкунанда ва фарзандхондшаванда**

1. Фарқияти синну соли шахси ба фарзандхондӣ қабулкунанда, ки оиладор нест ва фарзандхондшаванда бояд аз шонздаҳ сол кам набошад.

2. Дар сурати ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдак аз ҷониби падарандар (модарандар) фарқияти синну соли дар қисми 1 ҳамин модда муқарраргардида зарур нест.

**Моддаи 129. Розигии падару модар барои фарзандхондии кӯдак**

1. Барои фарзандхондии кӯдак розигии падару модари кӯдак зарур аст. Дар сурати фарзандхондии кӯдаки падару модари ноболиғи ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида инчунин розигии падару модар, васиён ва парасторони онҳо ва дар сурати набудани падару модар ё васиён (парасторон) розигии мақоми васояту парасторӣ зарур аст.

Розигии падару модар барои фарзандхондии кӯдаконашон бояд дар аризаи тасдиқнамудаи идораи наториалии давлатӣ ё маъмурияти муассисае, ки кӯдаки бе парастории падару модар монда дар он қарор дорад, мақоми васояту парастории маҳалли фарзандхондӣ сурат мегирад ё маҳалли истиқомати падару модар ифода ёбад ё бевосита дар суд ҳангоми фарзандхондӣ баён карда шавад.

2. Падару модар ҳуқуқ доранд розигии додаи худро дар бораи ба фарзандхондӣ додани кӯдакашон то баровардани ҳалномаи суд оид ба фарзандхонӣ бозпас талаб кунанд.

3. Падару модар метавонанд барои фарзандхондии кӯдак ба шахси мушаххас ё бе зикр кардани шахси мушаххас розигӣ диҳанд. Мақомоти васояту парасторӣ дар мавриди мутобиқати фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак хулосаи худро ба суд пешниҳод менамоянд. Дар сурати аз ҷониби падарандари (модарандари) кӯдак ба фарзандхондӣ қабул кардани ӯ чунин хулоса талаб карда намешавад.

**Моддаи 130. Фарзандхондии кӯдак бе розигии падару модар**

Дар ҳолатҳои зерин розигии падару модар барои фарзандхондии кӯдак талаб карда намешавад, агар:

- онҳо маълум набошанд ё суд онҳоро бедарак ғоибшуда эътироф намояд;
- суд онҳоро ғайри қобили амал эътироф карда бошад;

- суд онҳоро аз ҳуқуқи падару модар маҳрум сохта бошад (бо риояи талаботи қисми 6 моддаи 71 ҳамин Кодекс);

- бо сабабҳое, ки суд беасос эътироф намудааст, онҳо зиёда аз шаш моҳ бо кӯдак якҷоя зиндагӣ накарда, аз тарбия ва таъминоти ӯ саркашӣ карда бошанд.

**Моддаи 131. Розигии васиён (парасторон), роҳбарони муассисаҳое, ки кӯдакони бепарастормонда дар онҷо қарор доранд, барои фарзандхондӣ**

1. Барои фарзандхондии кӯдаконе, ки таҳти васоят (парасторӣ) қарор доранд, розигии хаттии васии (парасторӣ) онҳо зарур аст.

Барои фарзандхондии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар монда, дар муассисаҳои дахлдори тарбиявию тиббӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои дигари ба ин монанд қарор доранд, розигии хаттии роҳбари ин муассиса зарур аст.

2. Суд ҳуқуқ дорад ба манфиати кӯдак бе розигии шахсони дар қисми 1 ҳамин модда тазаккурёфта дар хусуси фарзандхондӣ ҳалнома қабул намояд.

**Моддаи 132. Фикри кӯдаки фарзандхондишуда оиди фарзандхондшавӣ**

1. Барои фарзандхондӣ намудани кӯдаке, ки ба синни даҳсолагӣ расидааст, фаҳмидани фикри ӯ лозим аст.

2. Агар кӯдак то додани ариза дар бораи фарзандхонд шуданаш дар оилаи шахси ӯро ба фарзандхондӣ гиранда зиндагӣ карда, ӯро падар ё модари худ шуморад, фарзандхондӣ метавонад ба таври истисно, бе назардошти фикри фарзандхондшаванда сурат гирад.

**Моддаи 133. Розигии ҳамсари шахсе, ки кӯдакро ба фарзандхондӣ мегирад**

1. Ҳангоми кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул кардани яке аз ҳамсарон, агар кӯдакро зану шавҳар якҷоя ба фарзандхондӣ қабул накунанд, розигии ҳамсари дигар зарур аст.

2. Агар зану шавҳар муносибатҳои оилавиро қатъ намуда, зиёда аз як сол ҳамроҳ зиндагӣ накунанд ва ҷои истиқомати ҳамсари дигар маълум набошад, розигии ӯ барои фарзандхондӣ зарур нест.

**Моддаи 134. Ном, номи падар ва насаби кӯдаки фарзандхондшуда**

1. Ном, номи падар ва насаби кӯдаки фарзандхондшуда нигоҳ дошта мешавад.

2. Бо хоҳиши шахси фарзандхонда ба фарзандхондшуда насаби фарзандхонда, инчунин номе, ки фарзандхонда додааст, гузошта мешавад. Ба кӯдаки фарзандхондшуда номи марди фарзандхондкарда, ҳамчун насаб гузошта

мешавад, агар шахси фарзандхондкарда ҷинси зан бошад ба кӯдаки фарзандхондшуда номи касе, ки зан ӯро ба сифати падари кӯдаки фарзандхондшуда зикр намудааст, гузошта мешавад. Агар насаби зану шавҳари фарзандхондкарда гуногун бошад, бо мувофиқаи фарзандхондкардагон ба кӯдаки ба фарзандхондӣ гирифтаашон насаби яке аз онҳо ё ба тартиби пешбининамудаи моддаи 58 ҳамин Кодекс насаб дода мешавад.

3. Ҳангоми кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул кардани зан (мард), ки дар ақди никоҳ нест, бо хоҳиши ӯ насаб ва номи падар (модар), инчунин номи падари (модари) кудаки фарзандхондшуда дар китоби сабти таваллуд бо нишондоди ин шахс (фарзандхонда) навишта мешавад.

4. Тағйир додани насаб, ном ва номи падари кӯдаки фарзандхондшудаи ба синни даҳсолагӣ расида, ба истиснои ҳолатҳои дар қисми 2 моддаи 132 ҳамин Кодекс пешбинигардида, танҳо бо розигии ӯ мумкин аст.

5. Дар бораи тағйир додани насаб, ном ва номи падари фарзандхондшаванда дар ҳалномаи суд оид ба фарзандхондӣ зикр карда мешавад.

**Моддаи 135. Тағйир додани сана ва маҳали таваллуди кӯдаки фарзандхондшаванда**

1. Барои таъмини сирри фарзандхондӣ бо хоҳиши фарзандхондкунандагон сана ва маҳали таваллуди кӯдаки фарзандхондшаванда метавонанд тағйир дода шаванд.

Тағйир додани санаи таваллуди кӯдак танҳо дар сурати фарзандхондкардани кӯдаки навзод (то яксола) ва ба муддати на зиёда аз се моҳиҷозатдода мешавад.

2. Оид ба тағйирдодани сана ва маҳали таваллуди кӯдаки фарзандхондшуда дар ҳалномаи суд дар бораи фарзандхондии кӯдак зикр карда мешавад. (ҚҶТ аз 26.11.15 с., №1239)

**Моддаи 136. Сабти номи шахсони фарзандхондкарда ҳамчун падару модари кӯдаки фарзандхондшуда**

1. Бо хоҳиши шахсони фарзандхондкарда суд метавонад оиди дар дафтари сабти таваллуд ҳамчун падару модари кӯдаки фарзандхондшуда сабт намудани номи онҳо ҳалнома қабул намояд.

2. Барои чунин сабт нисбати кӯдаки фарзандхондшудаи ба синни даҳсолагӣ расида, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 32 ҳамин Кодекс, розигии кӯдак зарур аст.

3. Дар хусуси зарурати чунин сабт дар ҳалномаи суд дар бораи фарзандхондӣ нишон дода мешавад.

**Моддаи 137. Оқибатҳои ҳуқуқии фарзандхондии кӯдак**

1. Кӯдакони фарзандхондшуда ва авлоди онҳо нисбат ба фарзандхондагон ва хешовандонашон, фарзандхондагон ва хешовандони онҳо, нисбати

фарзандхондшудагон ва авлоди онҳо дар ҳуқуқу ӯҳдадориҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкии шахсӣ аз рӯи аслу насаб ба хешовандон баробар карда мешаванд.

2. Кӯдакони фарзандхондшуда нисбати падару модари худ ва хешовандони онҳо ҳуқуқи ғайримолумулкӣ ва молумулкии шахсиро аз даст дода, аз ӯҳдадориҳо нисбати онҳо озод мешаванд.

3. Ҳангоми ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдак аз тарафи як шахс, агар фарзандхондкунанда мард бошад, ҳуқуқҳои ғаримолу мулкӣ ва молумулкии шахсӣ ва ӯҳдадориҳо бо хоҳиши модар ва агар фарзандхондкунанда зан бошад бо хоҳиши падар нигоҳ дошта шуда метавонад.

4. Агар яке аз падару модар вафот карда бошад, он гоҳ бо хоҳиши падару модари вафоткарда (бобою бибии кӯдак) ҳуқуқу ӯҳдадорӣ нисбат ба хешовандони волиди вафоткарда метавонанд нигоҳ дошта шаванд, агар инро манфиати кӯдак талаб кунад. Ҳуқуқи падару модари падар ё модари фавтида барои муошират бо кӯдаки фарзандхондшуда мутобиқи моддаи 67 ҳамин Кодекс амалӣ мегардад.

5. Дар хусуси нигоҳ доштани муносибатҳои кӯдаки фарзандхондшуда бо яке аз падару модар ё бо хешовандони падар ё модари вафоткарда дар ҳалномаи суд оид ба фарзандхондӣ зикр карда мешавад.

6. Оқибати ҳуқуқии ба фарзандхондӣ гирифтани кӯдак, ки дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда пешбинӣ шудааст, сарфи назар аз сабти фарзандхондкардагон ба сифати падару модар дар санади сабти таваллуди кӯдак фаро мерасад.

**Моддаи 138. Нигоҳ доштани ҳуқуқи кӯдаки фарзандхондашуда ба нафақа ва ёрдампулӣ**

Кӯдаке, ки дар вақти ба фарзандхондӣ гирифта шуданаш бинобар вафоти падару модараш ба нафақаю ёрдампулӣ ҳуқуқ дорад, ин ҳуқуқро дар сурати ба фарзандхондӣ қабул шуданаш низ нигоҳ медорад.

**Моддаи 139. Сирри фарзандхондии кӯдак**

1. Сирри фарзандхондии кӯдакро қонун муҳофизат мекунад. Судяҳое, ки дар бораи фарзандхондӣ ҳалнома қабул кардаанд ё шахсони мансабдоре, ки сабти давлатии онро анҷом додаанд, инчунин шахсоне, ки ба ҳар тариқи дигар аз фарзандхондӣ огоҳанд, бояд сирри фарзандхондиро нигоҳ доранд.

2. Шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида, ки сирри фарзандхондии кӯдакро бар хилофи иродаи фарзандхондагон фош кардаанд, ба тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 140. Бекор кардани фарзандхондии кӯдак**

1. Фарзандхондии кӯдак ба тартиби судӣ бекор карда мешавад.

2. Парванда оид ба бекор кардани фарзандхондии кӯдак бо иштироки мақоми васояту парасторӣ, инчунин прокурор баррасӣ мешавад.

3. Фарзандхондӣ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи бекор кардани фарзандхондии кӯдак қатъ мегардад.

Суд вазифадор аст дар давоми се рӯзи пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар мавриди бекор кардани фарзандхондии кӯдак иқтибоси ин ҳалномаи судро ба мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли бақайдгирии давлатии фарзандхондӣ фиристад.

### Моддаи 141. Асосҳо барои бекор кардани фарзандхондии кӯдак

1. Фарзандхондии кӯдак дар мавридҳое бекор карда шуда метавонад, ки агар фарзандхондкардагон аз иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташудаи падару модарӣ саркашӣ кунанд, аз ҳуқуқи падару модарии худ сӯиистифода намоянд, бо кӯдакони фарзандхондкардаашон муносибати бераҳмона дошта, майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд.

2. Суд ҳуқуқ дорад бо назардошти манфиат ва фикри кӯдак фарзандхондиро бо сабабҳои дигар низ бекор кунад.

### Моддаи 142. Шахсоне, ки ҳуқуқи талаби бекор кардани фарзандхондии кӯдакро доранд

Ҳуқуқи талаби бекор намудани фарзандхондкунии кӯдакро падару модари ҳақиқии кӯдаки фарзандхондшуда, фарзандхондкардагони (яке аз онҳо) кӯдакони фарзандхондшуда, ки ба синни чордаҳсолагӣ расидаанд, мақоми васояту парасторӣ, инчунин прокурор доро мебошанд.

### Моддаи 143. Оқибати бекор кардани фарзандхондии кӯдак

1. Дар сурати фарзандхондиро бекор кардани суд ҳуқуқу ӯҳдадориҳои байни фарзандхондшуда ва фарзандхондаю хешовандонаш қатъ гардида, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои байни кӯдак ва падару модару хешовандонаш барқарор карда мешаванд, агар инро манфиати кӯдак тақозо кунад.

2. Дар сурати бекор кардани фарзандхондӣ, кӯдак бо ҳалномаи суд ба падару модараш супурда мешавад. Дар сурати набудани падару модар, инчунин агар ба падару модар супурдани кӯдак хилофи манфиати ӯ бошад, кӯдак барои бо таълиму тарбия фаро гирифтан ба мақомоти васояту парасторӣ дода мешавад.

3. Суд ҳамчунин масъалаи нигоҳ доштан ё надоштани ном, номи падар ва насаби кӯдакро, ки бо сабаби фарзандхондӣ ба ӯ дода шудаанд, ҳал менамояд. Дигар кардани ном, насаб ё номи падари кӯдаки ба синни даҳсолагӣ расида танҳо бо розигии ӯ мумкин аст.

4. Суд бо назардошти манфиати кӯдак, ҳуқуқ дорад фарзандхондкардагони собиқро ӯҳдадор созад, ки ба андозаи муқаррарнамудаи моддаҳои 81 ва 83 ҳамин Кодекс барои таъминоти кӯдак маблағ пардозанд.

**Моддаи 144. Номумкинии бекор кардани фарзандхондӣ баъди ба ба балоғат расидани кӯдаки фарзандхондшуда**

Бекор кардани фарзандхондии кӯдак мумкин нест, агар кӯдаки фарзандхондшуда то лаҳзаи пешниҳоди талаби бекор кардани фарзандхондӣ ба балоғат расида бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ба ин гуна бекоркунӣ розигии байни шахси фарзандхондкарда ва кӯдаки фарзандхондшуда, инчунин падару модари ӯ, агар онҳо дар қайди ҳаёт буда, аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум нашуда бошанд ва суд онҳоро ғайри қобили амал эътироф накарда бошад.

**Моддаи 145. Беэътибор донистани фарзандхондии кӯдак**

Фарзандхондии кӯдак дар ҳолатҳое метавонад беэътибор дониста шавад, ки агар:

- ҳалномаи фарзандхондӣ ба ҳуҷҷатҳои қалбакӣ асос ёфта бошад;
- фарзандхондӣ қалбакӣ бошад;
- шахси ба балоғатрасида ба фарзандхондӣ қабул шуда бошад;
- фарзандхондкарда шахсе бошад, ки суд ӯро ғайриқобили амал ё қобили амалаш маҳдуд эътироф карда бошад;
- шахси фарзандхондкарда бо ҳалномаи суд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрумшуда бошад;
- шахсоне, ки барои номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳои қонунан ба зиммаашон гузошташуда аз ӯҳдадориҳои васӣ ё парасторӣ бартараф карда шуда бошанд;
- фарзандхондӣ бинобар гуноҳи содиркардаи собиқ фарзандхондагон аз ҷониби суд бекор карда шуда бошад;
- шахсоне, ки бинобар вазъи саломатӣ наметавонанд ҳуқуқи падару модариро амалӣ намоянд. Номгӯи бемориҳое, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будани шахс наметавонад кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул кунад, таҳти васоят (парасторӣ) қарор диҳад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 146. Оқибати беэътибор донистани фарзандхондии кӯдак**

1. Фарзандхондии кӯдак аз лаҳзаи қабул гардидани ҳалномаи суд дар бораи фарзандхондӣ беэътибор дониста мешавад. Дар ин маврид тамоми ҳуқуқу ӯҳдадориҳои фарзандхондаю хешовандони ӯ ва фарзандхонд, ки аз фарзандхондӣ бармеоянд, аз байн мераванд.
2. Суд вазифадор аст, ки дар муддати се рӯз дар хусуси эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома дар бораи беэътибор донистани фарзандхондӣ ба мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки фарзандхондӣ дар он ба қайд гирифта шудааст, хабар диҳад.

## 4. КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(аз **5 январи соли 2008, №341**)

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 6, мод. 7; с. 2010, №1, мод. 6; с. 2012, №7, мод. 721; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 388; №12, мод. 821; с. 2015, №11, мод. 953; с. 2016, №5, мод. 360; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1474; аз 02.01.2019 с., № 1559; аз 20.06.2019 с., №1612; аз 04.07.2020 № 1697)

## Боби 29. Фарзандхондии кӯдак

### Моддаи 274. Пешниҳоди ариза оид ба фарзандхондӣ

Ариза оид ба фарзандхондӣ аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мехоҳанд кӯдакро фарзанд хонанд, ба суди шаҳр ё ноҳияи маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии кӯдаки фарзандхондшаванда ва ё маҳалли истиқомати ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) пешниҳод карда мешавад.

### Моддаи 275. Мӯҳтавои аризаи фарзандхондӣ

1. Дар аризаи фарзандхондии кӯдак бояд маълумотҳои зерин зикр гарданд:

- насаб, ном, номи падар ва маҳалли истиқомати шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда); **(ҚҶТ аз 3.07.12с., №871)**

- насаб, ном, номи падар, санаи таваллуд ва маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии кӯдаки фарзандхондшаванда; **(ҚҶТ аз 3.07.12с., №871)**

- насаб, ном, номи падар ва маҳалли истиқомати падару модари кӯдаки фарзандхондшаванда, бародару хоҳар доштани ӯ. **(ҚҶТ аз 3.07.12с., №871)** Дар сурати ғайриимкон будани ба даст овардани маълумоти мазкур дар ин хусус дар ариза қайд карда мешавад; **(ҚҶТаз 23.11.15 с., №1232)**

- ҳолатҳои асосноккунандаи хоҳиши шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) оид ба фарзандхондӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаи ин ҳолатҳо;

- дархост оид ба тағйир додани насаб, ном, номи падар ва маҳалли таваллуди кӯдаки фарзандхондшаванда, инчунин санаи таваллуди ӯ, оид ба сабти ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) ба сифати падару модар дар санади сабти таваллуди кӯдак. **(ҚҶТ аз 3.07.12с., №871; аз 23.11.15 с., №1232)**

2. Аризадиҳанда метавонад дархостҳоеро, ки дар сархати панҷуми қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, зимни омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ва ё бевосита ҳангоми муҳокимаи судӣ дар шакли хаттӣ пешниҳод намояд. **(ҚҶТаз 23.11.15 с., №1232)**

### Моддаи 276. Ҳуҷҷатҳое, ки ба ариза оид ба фарзандхондӣ замима мегарданд

1. Ба ариза оид ба фарзандхондии кӯдак бояд ҳуҷҷатҳои зерин замима

гарданд:

- нусхаи шиносномаи шахси (шахсони) ба фарзандӣ қабулкунанда; **(ҚҶТаз 23.11.15 с., №1232)**

- нусхаи шаҳодатномаи никоҳи шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда)– ҳангоми фарзандхондии кӯдак аз ҷониби шахсоне (шахсе), ки ақди никоҳ доранд;

- ҳангоми фарзандхондии кӯдак аз ҷониби як ҳамсар - розигии хаттии ҳамсари дигар. Дар сурати ҷой доштани ҳолатҳое, ки тибқи қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон розигии ҳамсари дигар талаб карда намешавад, дар ариза маълумоти мазкур қайд шуда, ҳуҷҷатҳои зарурӣ замима карда мешаванд; **(ҚҶТаз 23.11.15 с., №1232)**

- хулосаи тиббӣ оид ба вазъи саломатии шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда). **(ҚҶТаз 23.11.15 с., №1232)**

2. Дар сурати фарзандхонд кардани кӯдак аз ҷониби падарандар (модарандар) ва ё шахси дигаре, ки ҳақиқатан (амалан) бо кӯдаки фарзандхондшаванда ҳамчун аъзои як оила истиқомат доранд, талаботи сархатҳои сеюм ва чоруми қисми 1 ҳамин модда татбиқ карда намешаванд. **(ҚҶТаз 23.11.15 с., №1232)**

3. Ба аризаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фарзандхондии кӯдаке, ки шаҳрванди хориҷӣ мебошад, дар баробари ҳуҷҷатҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида инчунин розигии намояндаи қонунии кӯдак ва мақоми ваколатдори давлате, ки ӯ шаҳрванди он мебошад, агар қонунгузории ҳамин давлат ва (ё) шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо намоянд–розигии худи кӯдак барои фарзандхондӣ замима карда мешавад.

4. Ҳамаи ҳуҷҷатҳо дар ду нусха пешниҳод карда мешаванд.

### Моддаи 277. Ба муҳокимаи судӣ омодасозии парванда оид ба фарзандхондӣ

1. Судя ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ мақомоти васоят ва парастории маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии кӯдаки фарзандхондшавандаро вазифадор менамояд, ки ба суд дар хусуси асоснокӣ ва мутобиқати фарзандхондӣ ба манфиати кӯдаки фарзандхондшаванда хулоса пешниҳод намояд.

2. Суд ҳангоми зарурат метавонад дигар ҳуҷҷатҳоро низ талаб намояд.
**(ҚҶТаз 23.11.15 с., №1232)**

### Моддаи 278. Баррасии ариза дар бораи фарзандхондӣ

1. Ариза дар бораи фарзандхондӣ дар маҷлиси пӯшидаи суд бо иштироки ҳатмии шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда), намояндаи мақомоти васояту парасторӣ, прокурор, кӯдаке, ки ба синни чордаҳ расидааст ва ҳангоми зарурат – падару модар, дигар шахсони манфиатдор ва худи кӯдаке, ки ба синни аз даҳ то чордаҳсола расидааст, баррасӣ мегардад.

2. Суд парвандаҳоро дар хусуси фарзандхондӣ дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи қабули ариза баррасӣ ва ҳал менамояд. **(ҚҶТаз 23.11.15 с., №1232)**

**Моддаи 279. Ҳалнома дар бораи аризаи фарзандхондӣ**

1. Суд аризаро дар бораи фарзандхондӣ баррасӣ намуда, оид ба қонеъ ё рад кардани хоҳиши шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) ҳалнома қабул мекунад. Ҳангоми қонеъгардонии хоҳиши фарзандхондӣ суд кӯдакро фарзанди шахсони (шахси) мушаххас эътироф карда, дар ҳалнома ҳамаи маълумоти вобаста ба фарзандхондшаванда ва шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда)-ро, ки барои бақайдгирии давлатии фарзандхондӣ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ заруранд, зикр менамояд.

2. Суд аризаро дар хусуси фарзандхондӣ қонеъ гардонида, метавонад хоҳиши шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда)-ро дар қисми сабти онҳо ба сифати падару модари кӯдак дар санади сабти таваллуди ӯ, инчунин ҷиҳати тағйир додани сана ва маҳалли таваллуди кӯдак рад намояд.

3. Ҳангоми қонеъгардонии ариза дар хусуси фарзандхондӣ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) ва кӯдаки фарзандхондшаванда аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома дар хусуси фарзандхондии кӯдак муқаррар карда мешавад.

4. Нусхаи ҳалномаро оид ба фарзандхондии кӯдак суд дар мӯҳлати се рӯзи баъд аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома барои бақайдгирии давлатии фарзандхондии кӯдак ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ вобаста ба маҳалли қабул намудани ҳалнома ирсол менамояд.

**Моддаи 280. Бекор кардани фарзандхондӣ**

1. Баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо дар бораи бекор кардани фарзандхондии кӯдак мутобиқи қоидаҳои мурофиаи даъво анҷом дода мешавад.

2. Суд нусхаи ҳалномаро оид ба бекор кардани фарзандхондии кӯдак дар мӯҳлати се рӯзи баъд аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома барои ворид намудани маълумот дар бораи бекор кардани фарзандхондӣ ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли қабули ҳалнома ирсол менамояд. **(Қ ҶТ аз 23.11.15 с., №1232)**

## 5. ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ

(аз 29 апрели соли 2006, № 188)

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, № 4, мод. 201; с. 2008, № 12, қ. 2, мод. 1017; с. 2009, №3, мод. 89; с. 2011, №3, мод. 178, № 6, мод. 444; с. 2015, № 3, мод. 220, №11, мод. 961, мод. 962; с. 2016, №3, мод. 144, мод.

145; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., №1451; аз 19.07.2019 с., №1637; аз 04.07.2020 № 1706; аз 29.01.2021с., №1763)

## Боби 6. Бақайдгирии давлатии фарзандхондӢ

### Моддаи 48. Асосҳо барои бақайдгирии давлатии фарзандхондӣ

Барои бақайдгирии давлатии фарзандхондӣ ҳалномаи суд дар бораи муқаррар кардани фарзандхондии кӯдак, ки ба қувваи қонунӣ даромадааст, асос мешавад.

### Моддаи 49. Ҷои бақайдгирии давлатии фарзандхондии кӯдак

Бақайдгирии давлатии фарзандхондии кӯдак дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи баровардашудани ҳалномаи суд дар бораи муқаррар намудани фарзандхондӣ гузаронида мешавад. (**ҚҶТ аз 23.11.15 с., №1241)**

### Моддаи 50. Ариза дар бораи бақайдгирии давлатии фарзандхондии кӯдак

1. Бақайдгирии давлатии фарзандхондии кӯдак дар асоси аризаи хаттии ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) ва ё дар асоси хабарномаи мақомоти васоят ва парасторӣ гузаронида мешавад.
2. Дар баробари муроҷиат бояд ҳалномаи суд дар бораи муқаррар намудани фарзандхондии кӯдак ва ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи шахсияти ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) пешниҳод карда шавад.
3. Агар дар давоми як моҳи баъд аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд оид ба фарзандхондӣ шахсони дар қисми 1 ҳамин модда пешбинигардида бо ариза ё хабарнома муроҷиат накунанд, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи баровардашудани ҳалномаи суд бақайдгирии давлатии фарзандхондиро анҷом медиҳад. (**ҚҶТ аз 23.11.15 с., №1241)**

### Моддаи 51. Мӯҳтавои сабти аснод дар бораи фарзандхондӣ

1. Ба сабти аснод дар бораи фарзандхондӣ маълумоти зерин дохил карда мешаванд:

- ном, номи падар, насаб, сана ва ҷойи таваллуди кӯдак (то ва баъд аз фарзандхондӣ);
- ном, номи падар, насаб, шаҳрвандӣ, миллати падару модар (яке аз онҳо);
- санаи тартиб додан, рақами сабти аснод дар бораи таваллуд ва номи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки аз тарафи он бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак гузаронида шудааст;
- ном, номи падар, насаб, шаҳрвандӣ, миллат, маҳалли истиқомати ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда);

- санаи тартиб додан, рақами сабти асноди никоҳи ба фарзандӣ қабулкунандагон ва номи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандие, ки аз тарафи он бақайдгирии давлатии ақди никоҳи ба фарзандӣ қабулкунандагон гузаронида шудааст;

- маълумоти ҳалномаи суд дар бораи муқаррар намудани фарзандхондии кӯдак;

- силсила ва рақами шаҳодатномаи додашуда дар бораи фарзандхондӣ.

2. Агар бо ҳалномаи суд дар бораи муқаррар намудани фарзандхондии кӯдак ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) падару модари (яке аз онҳо) кӯдак сабт карда шаванд, чунин маълумот ба сабти аснод дар бораи фарзандхондӣ дохил карда мешавад.

**Моддаи 52. Шаҳодатномаи фарзандхондӣ**

Шаҳодатномаи фарзандхондӣ дорои маълумоти зерин мебошад:

- ном, номи падар, насаб, сана ва ҷойи таваллуди кӯдак (то ва баъд аз фарзандхондӣ);

- ном, номи падар, насаб, шаҳрвандӣ, миллати ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда);

- санаи тартиб додан ва рақами сабти аснод дар бораи фарзандхондӣ;

- ҷойи бақайдгирии давлатии фарзандхондии кӯдак (номи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ);

- санаи дода шудани шаҳодатномаи фарзандхондӣ;

-силсила ва рақами шаҳодатнома. **(ҚҶТ аз 26.03.09 с., № 496)**

**Моддаи 53. Тағйир додани сабти асноди таваллуд бо сабаби фарзандхондии кӯдак**

1. Дар асоси сабти аснод дар бораи фарзандхондӣ ба сабти асноди таваллуди кӯдак тағйироти дахлдор бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур барои дохил намудани тағйируислоҳҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дохил карда мешаванд.

2. Агар бо ҳалномаи суд оид ба муқаррар намудани фарзандхондӣ ҷойи таваллуди кӯдак иваз карда шавад, бо хоҳиши ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи таваллуди кӯдак, ки дар ҳалномаи суд нишон дода шудааст, сабти асноди нав дар бораи таваллуди кӯдак тартиб дода шуда, дар асоси талаботи моддаи 82 Қонуни мазкур сабти аввалияти таваллуд бекор карда мешавад. **(ҚҶТ аз 31.12.08 с., №483)**

3. Мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷойи нигаҳдории сабти асноди таваллуди кӯдак дар асоси тағйироти дохилкардашуда ва ё тартиб дода шудани сабти асноди нав бо сабаби фарзандхондӣ шаҳодатномаи нави таваллудро дар муҳлати 3 рӯз пас аз лаҳзаи муроҷиат медиҳад. **(ҚҶТ аз 19.07.19 с., №1637)**

**Моддаи 54. Нигоҳ доштани маълумот дар бораи падару модар (яке аз онҳо) дар сабти асноди таваллуди кӯдаки фарзандхондшуда**

Агар дар ҳалномаи суд оид ба муқаррар намудани фарзандхондии кӯдак дар бораи нигоҳ доштани муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии кӯдаки фарзандхондшуда бо падару модараш (яке аз онҳо) нишон дода шуда бошад, маълумот дар бораи падару модари (яке аз онҳо) кӯдак, ки дар қайди асноди таваллуди кӯдак нишон дода шудааст, тағйир дода намешавад. (**ҚҶТ аз 23.11.15 с., №1241)**

**Моддаи 55. Тағйир додани сабти асноди таваллуд бо сабаби бекор кардани фарзандхондӣ**

Дар асоси ҳалномаи суд дар бораи бекор кардани фарзандхондӣ ба сабти асноди фарзандхондӣ маълумот дар бораи бекор кардани фарзандхондӣ дохил карда шуда, маълумоти аввала дар бораи ном, номи падар, насаб, сана ва ҷойи таваллуди кӯдак, инчунин маълумот дар бораи падару модари кӯдак дар сабти асноди таваллуд барқарор карда мешаванд. Шаҳодатномаи таваллуди кӯдак, ки пештар дода шуда буд, бекор карда, шаҳодатномаи нави таваллуди кӯдак бо назардошти тағйироти ба сабти асноди таваллуд воридгардида дода мешавад.

**Моддаи 56. Таъмин намудани сирри фарзандхондии кӯдак аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ**

1. Сирри фарзандхондии кӯдакро қонун муҳофизат мекунад.

2. Кормандони мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бе розигии ба фарзандхондӣ қабулкунандагон (ба фарзандхондӣ қабулкунанда) ва дар сурати вафоти онҳо бе розигии мақомоти васоят ва парасторӣ ҳуқуқ надоранд оид ба фарзандхондӣ ягон маълумот диҳанд ва ҳуҷҷатҳоеро диҳанд, ки аз мӯҳтавояшон падару модари (яке аз онҳо) кӯдаки фарзандхондшуда набудани ба фарзандӣ қабулкунандагон (ба фарзандӣ қабулкунанда) маълум мегардад.

3. Шахсоне, ки сирри фарзандхондиро мухолифи иродаи ба фарзандӣ қабулкунандагон фош намудаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои фарзандхондӣ

1. Маълумотнома аз диспансери касалиҳои сил.
2. Маълумотнома аз диспансери касалиҳои наркологӣ.
3. Маълумотнома аз диспансери касалиҳои рӯҳӣ (психоневрологӣ).
4. Маълумотнома аз диспансери касалиҳои пӯсту винерологӣ.

5. Маълумотнома аз муассисаи тиббии назди хона ВКК.
6. Маълумотнома аз ҷойи кор бо нишондоди музди маош.
7. Маълумотнома аз ҷойи истиқомат бо нишондоди аҳли оила.
8. Маълумотнома аз Раёсати ахбороти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба надоштани доғи судӣ.
9. Шиноснома (нусха бо аслаш).
10. Хатти никоҳ (нусха бо аслаш).
11. Тарҷумаи ҳол.
12. Тавсифнома (характеристика) аз ҷойи кор ва ё раиси маҳалла.
13. Санад дар бораи шароити зист ва хулосаи он аз Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки ноҳияи маҳалли зист.
14. Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ.
15. Забонхати хонаводагӣ оид ба ризоияташон барои фарзандхондӣ дар оила.
16. Ариза ба унвони муовини раиси шаҳр ва ё ноҳия, раиси Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак.